*Ба Шӯрои диссертасионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзуи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзуи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯи моҳият ва мазмуни худ ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи интихобшудаи диссертатсия барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муҳим мебошад. Сиёсати оқилонаи иқтисодие, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра татбиқ карда шуд, имкон дод, ки сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ бомаром беҳтар карда шавад, рушди иқтисодӣ таъмин гардад, барои ҷалби сармояҳо ба иқтисодиёт шароит фароҳам оварда шавад.

Бо вуҷуди натиҷаҳои бадастомада дар самти рушди иқтисодиёти минтақа муаммоҳое мавҷуданд, ки решаи онҳо аз заминаҳои институтсионалӣ сарчашма мегирад. Мундариҷаи заминаҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ, ки чун таҳкурсӣ ба ҷараёнҳои истеҳсолот, мубодила ва истеъмолот бевосита таъсир дорад, дар бар мегирад.

Асосҳои институтсионалие, ки мундариҷаи меъёрҳои фаъолиятро муайян менамоянд, то ҳоло қонеъкунанда намебошанд ва андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати эҳё намудани муҳити мусоиди фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мусоидаткунанда тақозо менамоянд. Суханҳои иброзгардида мубрамияти мавзуъро инъикос менамоянд. Илова бар он ба қадри кофӣ омӯхта нашудани асосҳои назариявию методии таъсири фишангҳои институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа низ сатҳи мубрамияти мавзуи таҳқиқотро боз ҳам муҳим ва саривақтӣ менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти тақризшавандаро ҷузъҳои зерин ташкил медиҳанд:

- низомбандӣ намудани консепсияи илмии муҳити институтсионалии рушди иқтисодиёт, ки дар асоси он қисматҳои таркибии низоми институтсионалӣ аз се унсур муайян гардидааст, ки он чунин аст: омилҳо (моликият, давлат, низоми молиявӣ, субъектҳои хоҷагидор); шароит (анъана, одат, маданият, рафтор, дин), фишангҳо (меъёр, нақшаю барнома, аҳду шартномаҳо, дастурамал, муқаррарот);

- асоснок гардидааст, ки дар байни индикаторҳо чун натиҷаи таъсири омилҳои институтсионалӣ дар минтақа дар се гуруҳи нишондиҳандаҳо, яъне рушди сармояи инсонӣ (сатҳи маълумотнокӣ, дарозноки умр, рушди даромаднокии аҳолӣ); афзоиши инвеститсияҳо (сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ, фаъолнокии иқтисодӣ, рушди савдои беруна); баланд бардоштани рақобатпазирӣ (аз сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд будани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ) бояд инъикос мегарданд;

- омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он қобили қабул арзёбӣ намудани таҷрибаи Чин, ки дар он коркарди стратегияи панҷсолаи рушди минтақаҳои қафомонда ҷой дошта, он ба барномаи дастгирии давлатӣ ворид мегардад, реҷаҳои махсус дар соҳаи молия, андоз нисбати чунин минтақаҳо қабул карда мешаванд, ки дар навбати худ ду шарти ҳатмиро доранд, яъне таъминнокӣ бо инфрасохтор ва шароити махсус барои рушди соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад. Асоснок карда шудааст, ки механизми институтсионалии рушди минтақа дар кишварҳои мутараққӣ аз се ҷуз иборат аст: мавҷудияти банақшагирии стратегӣ (стратегия, барномаҳо); мақомоти махсус оид ба рушди минтақавӣ; фишангҳои мусоид барои таъмини рушди ҳудудҳои ақибмонда;

- асоснок гардидааст, ки таъсири омилҳои институтсионалӣ дар сатҳи минтақа бо индикаторҳои иқтисодӣ - иҷтимоии рушди минтақа арзёбӣ мегардад. Муайян гардидааст, ки таъсири омилҳои институтсионалӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои таркибии сармояи инсонӣ (маориф, тандурустӣ, таъминноки бо фонди манзил), минтақаи Суғд аз дигар минтақаҳо пешрафта, нисбат ба меъёрҳои ҷараёни инвеститсионӣ (ҳаҷми сармоягузорӣ, фаъолияти корхонаҳо) ақибмонӣ дорад, зеро шохиси он аз нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ паст аст;

арзёбӣ намудани таъсири механизмҳои институтсионалӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси он институтҳои барои рушди соҳибкорӣ мусоидаткунанда ва монеакунанда муайян карда шудаанд.

- шароити муосир дар иқтисодиёти вилояти Суғд ба омилҳои институтсионалие, ки фаъолнокии иқтисодиро боз медоранд, мансубанд: танзими маъмурию тафтишотӣ, таъминоти захираҳои молиявӣ; таъминоти иттилоотӣ; хароҷоти трансаксионӣ;

- асоснок намудани монеаҳо ва муаммоҳое, ки дар фаъолияти низомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа ҷой дошта, аз маҷмӯи сохторҳои ташкилию функсионалӣ иборатанд. Алалхусус, дар фаъолияти зернизоми институтҳои пулию қарзӣ: сатҳи баланди мизони қарз (дастнорасии маблағҳои молиявӣ); дар самти институти зиддинҳисорӣ (маҳдуднокии мустақилияти хоҷагидорӣ, халал расонидан ба фаъолият); институти назоратӣ-меъёрӣ (миқдори зиёди тафтишот), ниҳоди андозӣ (гаронии андоз, иқтидори сусти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ); ниҳоди маъмурӣ (барзиёдии миқдори ҳуҷҷатҳо, мураккабӣ, сарфи вақти зиёд барои гирифтани иҷозатнома); зернизоми гумрук (расмиёти барзиёдатии муносибати ғайрииқтисодӣ, боҷу хироҷҳо);

- коркарди чораҳо оид ба рушди ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, соҳибкорон, ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ дар ҳудуди вилояти Суғд. Ба монанди таҳияи стратегияи институтсионалии шаҳру ноҳияҳо; ташкили равзанаи ягона барои сармоягузорон бо мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия; то охир дастгирӣ намудани лоиҳаҳои мушаххаси инвеститсионӣ; амалишавии принсипҳои зерин: байни ҳамкорон, яъне сектори хусусӣ ва давлатӣ; баробарӣ (набудани маҳдудкунии ҳуқуқ); ҷалбшавӣ (иштирок дар қабули қарор); шаффофият (дастрасии маълумот), синергия (самараи мусбати кумулятивӣ).

**Аз ҷониби муаллиф нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

- низомбандӣ намудани консепсияи илмии механизмҳои институтсионалии рушди иқтисодиёт ва дар асоси он ворид намудани саҳеҳӣ ба қисматҳои таркибии низоми институтсионалӣ;

- асоснок гардидани гуруҳбандии омилҳои институтсионалӣ дар байни индикаторҳои рушди иқтисодиёти минтақаҳо;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он дарёфт намудани таҷрибаҳои қобили қабул барои рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- асоснок гардидани таъсири омилҳои институтсионалӣ дар сатҳҳои алоҳида ба индикаторҳои иқтисодӣ - иҷтимоии рушди минтақа;

- арзёбӣ намудани таъсири механизмҳои институтсионалӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дар асоси он муайян кардани институтҳои барои рушди соҳибкорӣ мусоидаткунанда ва монеакунанда;

- асоснок намудани монеаҳо ва муаммоҳое, ки дар фаъолияти низомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа мавҷуданд;

- коркард намудани чораҳо оид ба рушди ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, соҳибкорон, ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ дар ҳудуди вилояти Суғд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар диссертатсия омӯзиши доираи васеи адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ, методҳои умумиилмӣ, таҳлили таърихӣ, низоммандӣ, омилӣ, муқоисавӣ, оморӣ, арзёбии коршиносӣ (экспертӣ), пурсиши анкетавӣ, таҳлил ва синтез ки ба коркарди хулосаҳои асоснок аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи дисертантро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи мазкур дар ҳошияи иҷроиши дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳамасола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои эҳё намудани муҳити мусоиди фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, ҳамчунин дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба итмом расонида шудааст. Алалхусус тибқи банди 3. Таҳкими неруи институтсионалии кишвар, зербандҳои 3.1. Низоми самарабахши идоракунии давлатӣ; 3.2. Рушди минтақаҳо; Банди 4. Рушди сармояи инсонӣ, зербандҳои 4.1. Маориф ва илм, 4.3. Ҳифзи иҷтимоӣ, 4.5. Муҳити зист; Банди 5. Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт, зербанди 5.4. Фазои сармоягузорӣ.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муқаррароти назариявӣ ва пойгоҳи методӣ, хулосаю тавсияҳои амалии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардидаро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати такмили идоракунии рушди иқтисодии ҳудуд мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Зимнан тавсияҳои амалӣ оид ба мусоидат ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа, ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳо арзиши амалии бештар доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои диссертатсияи муаллиф дар умум 19 ададро ташкил менамояд, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, 14 мақола дар маҷмуаҳои

конференсияҳои мухталифи илмию амалии миқёси байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 200 саҳифа, аз ҷумла 25 ҷадвал, 13 расм ва 2 диаграммаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти кори диссертатсионӣ асоснок гардидааст, мақсад ва вазифаҳои тадқиқ муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, ҳамчунин арзиши амалию назариявии кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст (саҳ. 3-14).

Дар боби якум – "Ҷанбаҳои назариявию методии тадқиқи асосҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа" муносибатҳои консептуалӣ ва мундариҷаи омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо; муносибатҳои методӣ ба арзёбии омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо баррасӣ шуда, аз рӯи натиҷаҳои таҳлил методикаи муаллифӣ пешниҳод гардидааст; таҷрибаи хориҷии идоракунии механизмҳои институтсионалии рушди минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд (саҳ.15-75).

Дар натиҷаи таҳлили назариявии ҷанбаҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақавӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки ба ҳайси омили асосии рушди иқтисодиёти минтақавӣ низоми институтсионалӣ зуҳур мекунад. Низоми институтсионалии минтақа падидаи интегралӣ буда, маҷмуи институтҳои мутташаккилеро муттаҳид месозад, ки дар муносибатҳои алоқаи мутақобила, таъсири мутақобила, вобастагии мутақобила ва маҳдудияти мутақобила қарор доранд. Институтҳоро чун қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ва чун маҷмуи механизмҳое, ки мақсади муайян доранд, баррасӣ намудан мумкин аст. Дар иртибот бо ин нукта муаллиф дуруст мешуморад, ки ҷанбаҳои институтсионалии рушди минтақавӣ дар маҷмуъ бояд дар асоси се унсури зерин ташаккул ёбад: омилҳо, шароитҳо ва фишангҳо. Омилҳои институтсионалии рушди минтақавӣ дар ҳудуди давраи муайяни вақт ба мақсади гузариш аз вазъи воқеии иқтисодӣ ба унсурҳои самараноки рушд тағйир ёфта метавонанд. Шароитҳои институтсионалӣ ё институтҳои ғайрирасмиро чун шартиятҳое муайян кардан мумкин аст, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, ба таври объективӣ мавҷуданд ва ба рушди иқтисодиёти минтақа таъсири назаррас мерасонанд, зеро аз бисёр ҷиҳат рафтори фардро муайян мекунанд. Татбиқи вазифаҳои институтсионалӣ ва самти онҳо бо ёрии фишангҳои институтсионалӣ амалӣ гардонида мешавад (саҳ.33-34).

Боби дуюм "Вазъи муосир, хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои институтсионалӣ дар рушди иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, дар

он таҳлили омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир, вазъ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд; арзёбии шароитҳои институтсионалии рушди муҳити корӣ дар минтақа; хусусияти зернизомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа сурат гирифтааст (саҳ.76-140).

Ба ақидаи муаллиф, ташаккул ва рушди иқтисодиёти минтақавӣ таҳти таъсири ҳамкории мутақобилаи байни институтҳо ва ташкилотҳо ба амал меояд. Институтҳо низоми қоидаҳо, шароит ва меъёрҳоеро муайян мекунанд, ки давлат барои иштироккунандагони бозор коркард менамояд. Ба ҳайси ташкилотҳо ё бозигарони майдони иқтисодии минтақа воҳидҳои институтсионалии гуногуннамуд, аз ҷумла бахши идоракунии давлатӣ, ки мақомоти идоракунии се сатҳ – марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро муттаҳид месозад, баромад мекунанд (саҳ.76-77).

Бояд бо ақидаи муаллиф розӣ шуд, ки институтҳои расмӣ барои рушди иқтисодиёти минтақавӣ таъсис дода шудаанд, вале сифату мукаммалии онҳо дар воқеият, дар комёбиҳои иқтисодӣ зоҳир мешаванд (саҳ.79). Дар ин радиф, муаллиф қайд менамояд, ки нақши муайянкунанда дар танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамаи сатҳҳо бевосита ба институтҳои давлат ва ҳуқуқ дода мешавад. Вале рушди устувори иқтисодиёти минтақа, фаъолияти натиҷабахши субъектҳои хоҷагидор, муҳити кории мувофиқ ва фаъолнокиро самарабахшии амалкарди институтҳои мазкур муайян мекунад.

Аз таҳлили меъёрҳои иқтисодии рушди вилояти Суғд дар заминаи омилҳои институтсионалӣ муаллифи диссертатсия дуруст ба хулоса омадааст, ки муҳити мавҷудаи институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд таъсири мусбат мерасонад, аммо бо назардошти талаботи муосир беҳбудиро талаб мекунад (саҳ. 91).

Андешаи муаллиф қобили қабул аст, ки минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" чун институти вилояти Суғд дар асоси институтҳои ҳуқуқии қабулкардаи давлат амал мекунад ва он дар давоми даҳ соли мавҷудият ва рушди худ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, ба вазъияти иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири мусбат мерасонад (саҳ. 97-102).

Боби сеюм таҳти унвони "Такмили низоми институтсионалӣ чун механизми ҳавасмандгардонӣ оид ба таъмини рушди минтақа ва дурнамо" омода шуда, дар он ниҳодҳои мусоид ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақавию зерминтақавӣ ва воситаҳои ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳои минтақа тавсия шудаанд (саҳ.141-176).

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа бевосита аз омилҳои институтсионалӣ вобаста аст, ки онҳо на танҳо

фаъолнокии корӣ, балки муносибати соҳибкоронро ба ҳукуматдорон муайян мекунанд. Дар натиҷаи гузаронидани пурсишнома ӯ ошкор сохтаст, ки дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мураккабиҳо аз қабили таъмини молиявӣ, андозбандӣ, бақайдгирӣ, литсензиядиҳӣ, тафтишот ва ғайра ба миён меоянд ва ба муносибати соҳибкорӣ бо мақомоти маъмурӣ ва назораткунанда таъсир мерасонанд (саҳ.111-115).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуда, дар асоси он тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд (саҳ.177-182).

Тавсияҳои муаллиф баҳри таъсири мусбии омилҳои институтсионалӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа ба амалӣ гардонидани маҷмуи тадбирҳои мушаххас, аз қабили беҳтар намудани муҳити институтсионалии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи молиякунонӣ; беҳгардонидани муҳити институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа дар самти маориф; тадбирҳои давлатӣ баҳри такмили омилҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа ва амсоли онҳо равона гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзуи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа" (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ба андешаи мо, дар кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар баробари афзалиятҳо баъзе норасоиҳои алоҳида ба назар мерасанд.
Чунончӣ:

1. Дар боби якум, ки бештар хусусияти назариявӣ дорад, андешаи олимони ватанӣ перомуни масъалаи баррасишаванда кам мушоҳида мешавад.
2. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷа хуб мегардид, агар таҷрибаи давлатҳои ҳамҷаворе, ки аз лиҳози фарҳанг, рушди иқтисодиёт ва ғ. ба кишвари мо монандӣ доранд, омӯхта шуда, то чӣ андоза қобили қабул будани унсурҳои он тавсия дода мешуд.
3. Дар саҳифаи 82 сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд оварда шудааст, ки бо кадом мақсад оварда шудани он нофаҳмо мебошад, инчунин сарчашма оварда нашудааст.
4. Дар ҷадвали 2.2.1. саҳифаи 105 арзёбии шароитҳои институтсионалии рушди муҳити соҳибкорӣ аз ҷониби субектҳои соҳибкории вилоти Суғд, инчунин ҷадвали 2.2.2 ва расми 2.2.1 оварда шудааст, маълум нест, ки он ба кадом сол таалуқ дорад. Бинобар ин мебоист сол нишон дода шуда, дар поёни ҷадвал таҳлили он оварда шуда бошад.

5.Параграфи 1.2 равияҳои методӣ оид ба арзёбии вазъи институтсионалии рушди минтақаҳо бахшида шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф ҷадвали 1.2.1 – ро бо таҳлил ба боби 2 мегузаронид, ки мувофиқи мақсад мешуд.
6.Дар диссертатсия баъзе хатогии имловӣ ва техникӣ ҷой дорад.

Камбудиҳои номбаршуда қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ва ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор. Дар умум, кори диссертатсионии Қурбонова Ш.Х. таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад. Натиҷаҳои бадастовардашуда дорои навгонии илмӣ буда, аҳамияти амалиро дар худ инъикос мекунанд ва ба ҳалли масъалаҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа мусоидат менамоянд.

Автореферат ва корҳои чопшудаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда, хулоса карда мешавад, ки диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба талаботи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд,ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в. дотсенти кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд** **Аминҷонова М.М.**

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Аминҷонова М.М. - ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд **Ёқубова М.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи донишгоҳ:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, к. И. Сомонӣ, 226
тел: +992(3422)6-04-54
e-mail:director@politehét.tj.

“10” 03 2023.